**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи “Пажӯҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна ба масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони назми асри XIV, аз ҷумла муродифот, калимаҳои зидмаъно, ҳамсон, сермаъно, наввожаҳо, калимаҳои куҳнашуда ва ҳамчунин, калимасозии исми шоирони ин аср, бахусус, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ бахшида шудааст. Аз нигоҳи дастовардҳои илми забоншиносии муосир дар маркази таҳқиқ қарор додани вожагони шоирони классик, бахусус, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ имкон медиҳад, ки манзарае аз лексикаи забони адабии форсии тоҷикии асри XIV пеши назари аҳли таҳқиқ қарор гирад ва муҳимтарин ҷанбаҳои забонии он муайян гарданд. Аз ин дидгоҳи илмии назарӣ, яъне дар партави масъалаҳои забоншиносӣ муайян кардани мавқеи вожагони ашъори шоирони асри XIV аз ҷумлаи масоили мубрами илмист, ки дар равшан намудани вижагиҳои луғавию маъноии забони адабии садаи мазкур аз аҳаммияти хос бархурдоранд.

Дар диссертатсияи мазкур вожагони ашъори шоирони садаи XIV - Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Совачӣ аз ҷиҳати луғавӣ – маъноӣ ва сохторӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, ҳамчунин, дар он зоҳир мешавад, ки калимасозӣ ва таҳлили морфологии калима ба ҳам вобастагии зич доранд. Бинобар ин, таҳлил ва таҳқиқи сохтори калима бо муайян намудани ҷузъҳои калима хотима намеёбад. Ин зинаи якуми таҳлили калимасозист ва он тақозо

мекунад, ки воситаю тарзҳои васлшавӣ, муносибат ва мавқеи ҷузъҳои калима, инчунин, қолиби калимасозии он муайян карда шавад.

Дар замони истиқлоли давлатӣ мавзуъҳои марбут ба лексикология ва қисматҳои он таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷикро ба худ ҷалб намуда бошад ҳам, вожагони (муродифот, калимаҳои зидмаъно, ҳамшакл, сермаъно, наввожаҳо, калимаҳои куҳнашуда) ашъори намояндагони садаи XIV - Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ва қолибҳои калимасозии исми ашъори шоирони мазкур, дар умум ва дар муқоиса бо ҳам мавриди таҳқиқи алоҳидаи забоншиносон қарор нагирифтаанд. Диссертатсияи мазкур имкон фароҳам меорад, ки донишомӯзону муҳаққиқон дар риштаи забоншиносӣ аз ҳунари калимасозиву вожашиносии шоирони адабиёти садаи XIV огаҳӣ пайдо кунанд ва ба маънии онҳо ошно гарданд.

Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои меҳварии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, масъалаҳои назарӣ дар пайвастагӣ бо баррасиҳои мушаххаси амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Баҳсу андеша ва мулоҳизаву хулосаҳои диссертатсия дорои хусусияти актуалӣ буда, дар илми забоншиносии тоҷик аҳаммияти вижа доранд.

Диссертатсия барои муҳаққиқони забоншинос, докторантҳо, унвонҷӯён, донишҷӯён судманд буда, ҳамчунин, барои таълифи мақолаҳои илмӣ ва китобу монографияҳо кумакрасон хоҳад буд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия метавонанд дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, мисли калимасозӣ, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, таърихи забони адабӣ, услубшиносӣ ва маданияти нутқ истифода шаванд. Ҳамзамон, бахшҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд, ки дар курсҳои махсус барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷики макотиби олии кишвар ба сифати маводди таълимӣ истифода шаванд. Маводди ҷамъоваришудаи диссертатсия метавонад дар таҳияи фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ,

фарҳанги ашъори шоирони садаи XIV (Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ) ба кор равад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 31 мақола, ки аз онҳо 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯй фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна иқтибосҳо ба муаллиф ва ё маъхази онҳо ишора шудаанд, ки ин гуна тарзи корбурди истинод риояи банди 37-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмиро ифода менамояд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи "Пажӯҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони

Совачӣ)” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комисссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи “Пажӯҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Шокириён Туғрал Сироҷзода**, доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ “Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии МИСиС” дар шаҳри Душанбе;

- **Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна** – доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Назарзода Сайфиддин

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳасан Баротзода

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Нуров Пирмуҳаммад

2-юми феврали соли 2024